Муаллиф: Administrator
18.05.2022 15:49 -

**ДУШАНБЕ, 18.05.2022 /АМИТ «Ховар»/.** *Гурӯххои муташаккили чиноятии нохияи Рӯшони ВМКБ тахти рохбарӣ ва сарпарастии созмонхои байналхалкии экстремистӣ-террористӣ бо максади халалдор намудани амнияти давлатӣ, зарба задан ба пояхои сохти конститутсионӣ, монеъ шудан ба фаъолияти макомоти хифзи хукук, ба тахлука андохтани ахолӣ, бо истифода аз силоху лавозимоти чангӣ, инчунин маводи оташафрӯзи «Коктейли Молотов» ба колоннаи мошинахои хизматчиёни вохиди таъйиноти махсуси зиддитеррористии КДАМ ЧТ хамла намуданд. Бар асари он як афсар ба халокат расида, 13 нафар хизматчиёни харбӣ чарохатхои вазнин бардоштанд. Дар ин бора ба АМИТ «Ховар» дар маркази матбуоти Вазорати корхои дохилии Чумхурии Точикистон хабар доданд.*

*Дар хабар чунин омадааст:*

Гурӯххои муташаккили чиноятпеша иборат аз 200 нафар бо истифода аз тамоми намуди силох дар маркази нохияи Рӯшон дар 3 нукта шохрохи Душанбе — Хоруг ва рохи комендатураи сархадиро бастанд.

Гурӯххои чиноятӣ барои содир намудани ин амалхо каблан омодагӣ дида, бо хамин максад аз хоричи кишвар силоху аслиха ворид намуда буданд.

Хар сокини бовичдони вилоят шохиди он аст, ки таъкидхои чандинкаратаи макомоти хифзи хукук дар чамъомадхо, сухбатхо бо иштироки ахли чомеа ва аъзои гурӯххои муташаккили чиноятӣ, мурочиатхо тавассути воситахои ахбори умум барои супоридани силохи оташфишон, даст кашидан аз муковимати мусаллахона ба мукобили сохторхои конститутсионии мамлакат аз чониби дастахои чинояткор бечавоб монданд.

Окибат онхо ба содир кардани чиноятхои дорои хусусияти террористӣ гузаштанд.

Бо максади таъмини амнияти шахрвандон, тартиботи чамъиятӣ аз тарафи макомоти хифзи хукуки кишвар амалиёти зиддитеррористӣ огоз гардид. Дар натича 8 нафар силохбадаст безарар, ёздах нафар захмӣ ва беш аз хафтод нафар аъзои фаъоли дастаи террористӣ дастгир шуданд.

Бояд тазаккур дод, ки аз миёни сокинони осоишта касе осеб надидааст.

Аз гурӯххои муташаккили чиноятӣ микдори зиёди силох ва мухимоти чангӣ, коктейли Молотов мусодира гардид.

Вобаста ба казияи мазкур аз чониби прокуратураи вилоят парвандаи чиноятӣ огоз карда шуда, тафтишот идома дорад.

**Айни хол вазъият дар нохия ором буда, инфрасохтори ичтимоӣ ва наклияти чамъиятӣ ба кори мукаррарӣ ва сокинони нохия ба фаъолияти рӯзмарраи худ огоз карданд.**

Ба бокимонда гурӯххои муташаккили чиноятпеша котеъона эълон карда мешавад, ки то хол онхо имконияти сулхомези супоридани хама гуна силох ва ба макомоти хифзи хукук таслим шуданро доранд. Фардо дер мешавад.

Аз ахолии вилоят эхтиромона хохиш карда мешавад, ки ба макомоти хифзи хукук барои таъмини тартиботи чамъиятӣ, амнияти шахрвандон, инфрасохтори ичтимоӣ, фаъолгардонии масири харакати наклиёти байналхалкӣ, пешгирии тамоми намуди конуншиканихо ва ахиран суботи чомеа, дар мисоли тамоми нукоти кишвари азизамон кумаки худро расонанд.

Танхо давлатмехварӣ ва конунмандӣ асоси амният ва рушди чомеа аст. Ин вазифаи мукаддасро мо дар якчоягӣ ва хамбастагӣ бо мардумони баору номуси вилоят бо котеъият ва муваффакона амалӣ мекунем. Бо хамин ба фаъолияти тамоми гурӯххои муташаккили силохдори нашъачалоб якбора хотима мегузорем. Рохи дигар вучуд надорад.